# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии номзадии Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич дар мавзуи «Ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг-шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Рисолаи мазкур дар мавзуи хеле муҳим ва мубрам таҳия шуда, аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои давлатии рушди маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд. Дар онҳо ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи насли наврас, илми педагогика ва таҷрибаи корҳои тарбиявӣ-зебоипарастӣ шуморида шудааст.

Вобаста ба ин муаллифи диссертатсия мавзуи «Ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг - шарти мукммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» - ро дар заминаи шаҳрҳои хурд мавриди таҳқиқ қарор дода, асосан аз иҷрои он баромадааст.

Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва интихоби методҳои таҳқиқи рисола дуруст таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот, фарзияи он мушаххас муайян карда шудаанд. Аппарати илмии диссертатсия ба мавзуи рисола мувофиқат мекунад. Бобҳо ва фаслҳои рисола мантиқан дуруст коркард шуда, мазмуни онро пурра инъикос мекунанд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ мақсад ва вазифаҳои гузошта шуда, фарзияи таҳқиқот, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда дар заминаи илмӣ асоснок гардида, комилан дурустанд.

Дар боби аввали рисола асосҳои назариявӣ-методологӣ муайян карда шуданд; хусусиятҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар Тоҷикистон дар раванди фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг ошкор гардидаанд; вазъи кунунии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар ҳамгироии функсионии коллеҷҳо ва муассисҳои фарҳангӣ зимни кори озмоиши таҳқиқотӣ таҳлил ва тасдиқи худро ёфтанд.

Боби дуввуми рисолаи диссертатсионӣ ба муайян намудани механизмҳои мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ дар шаҳрҳои хурд, шартҳои педагогии такмили фаъолияти онҳо коркард ва

тавассути озмоиши педагогӣ таҳқиқ шуда, истифодаи онҳо дар кори амалии ниҳодҳои мухталифи тарбияи эстетикӣ пешниҳод гардидаанд.

Муайян кардани роҳҳои беҳтарнамойии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шаҳрҳои хурди ҷумҳурӣ тавассути фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ, такмили кори ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа, ки ба тарбияи эстетикӣ машғуланд, коркарди барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг ва ғ. навовариҳое мебошад, ки муаллиф онро асоснок ва таҳқиқ кардааст.

Аҳаммияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он барои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг дар омӯзиш ва расонидани ёрии методию амалӣ ба кормандони клубу хонаҳои фарҳанг ва низоми таҳсилот дар тарбияи эстетикӣ ва ҷиҳати рушди хизматрасонии таҳсилотиву фарҳангӣ кумак расонида метавонанд.

Дар рисола мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ дуруст асоснок карда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологии он ба талаботи рисолаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Рисолаи диссертатсионии Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич дар мавзуи «Ҳамгироии коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг - шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Латифзода Д.Н.

"Тасдиқ мекунам"
Сафдари Р.К.
Тошов М.А.
23.05.2024

РАЁСАТИ КАДРҲО